**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №1, 2014**

**ФАЛСАФА**

**УДК: 29+371+9и+1ф**

**ЗИЁӢ С.А.**[1]

# БАРРАСИИ ТАТБИҚИИ МАФҲУМИ «РАНҶ» ВА «РАҲОӢ АЗ РАНҶ» ДАР ОИНИ БУДДО ВА АШЪОРИ ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ

Муаллиф дар мақолаи худ аввал ба арзиши назарӣ ва амалии мутолиоти татбиқии ирфонӣ ишора карда ва зарурат эҷоди гуфтугӯе дар фаросӯи таърих аз роҳи ирфонро ёдоварӣ шудааст. Сипас дар он мафҳуми ранҷ ба унвони муҳимтарин асоси оини Буддоро баррасӣ шуда. Чор ҳақиқати шарифи буддоӣ дар бораи ранҷ ва роҳҳои раҳоӣ аз ранҷ ва наҷот аз доираи зиндагиҳои пайдарпай ва расидан ба нирвана аз меҳварҳои дигари мақола буд. Дар идома ба шарҳу тавзеҳи назарияҳои Ҷалолиддини Балхӣ дар шеърҳояш доир ба ранҷ, роҳи раҳоӣ аз он ва расидан ба шодмонӣ омадааст. Дар поён шабоҳатҳо ва гуногуниҳои шеърҳои Румӣ ва назариёти Буддо баррасӣ шудааст.

**Калидвожа**: ранҷ, шодӣ, Мавлавӣ, раҳоӣ, Нирвана, ғазал.

Мутолиоти ирфони татбиқӣ илова бар арзиши назариявӣ корбурдҳои махсусе ҳам дорад. Ба назари Дориюши Шойгон «Барои он ки боби иқлимҳои дигари ҳузурро бикушоем ба калидҳои дигари шинохт ниёзмандем... Дар он ҷо гуфтугӯ барқарор аст, аммо на гуфтугӯи бозигушона (кӯдакона) миёни фарҳангҳо, балки гуфтугӯе дар фароторих... ба баракати вуҷуди ин қувваи хаёл аст, ки Шанкаро ибни Арабӣ ва Чонг Тсу, аз лиҳози маънавӣ ҳамзамони ҳамдигар мешаванд... акнун ҷаҳон ба сӯи охирзамоне пеш меравад, орӣ аз истиҳолмеҳи маънавӣ аст, охирзамони бидуни анҷом. Аз ҳамин рӯ, ба этиқоди ман, инкишофи ваҷҳи дигар чизҳо шоя битавонад ба ин ҷаҳони холӣ аз маъно рӯҳ бидамад ва таодули аз байнрафтарон аз нав барқарор шавад» [1]. Дар ин мақола ранҷ ба унвони яке аз мафоҳими калидии оини Буддо ва андешаҳои мавлавӣ баррасӣ ва арзёбӣ мешавад. Оини Буддо оини ахлоқӣ ас, ки бештар ҷанбаҳои амалӣ нисбат ба назарӣ дорад. Ҳадафи Буддо раҳои аз ранҷ ва расидан ба мақоми нирвана (nirvana) аст. Ин оин мисли динҳои ислом ва масеҳият минтақаи ҷуғрофии густардаи ҷаҳонро дар бар гирфта ва шомили Чин, Ҷопон, Корея, Шри Ланка, Ветнам, Муғулистон. Тибет, Бирма, Индонезия, Ҳинд ва .... мешавад. Буддо дар Аврупо ва Амико низ пайрравони зиёд дорад. Алоқаи ҷомеаи ғарбӣ ба таълими ғарбӣ ба ин сабаб аст, ки муътақидан ин тоин ба ниёзҳои онҳо посух медиҳад ва заминаро барои сулҳи ҷаҳонӣ фароҳам месозад.

Дар оини Буддо чаҳор ҳақиқати шариф (the four noble truths) вуҷуд дорад, ки ҳар чаҳор ҳақиқат вобаста ба мафҳуми ранҷ аст. Буддо бо баёни ин чор ҳақиқат, дар воқеъ монанди пизишки моҳир ба шинохти беморӣ ва иллатҳои он мепардозад ва ба дармонпазирии он ҳукм мекунад ва дар охир ба равиши дармони он мепардозад [2, 93].

Нахустин ҳақиқати шариф ин ки беморӣ, яъне ранҷ (suffering) ба ростӣ ва амалан вуҷуд дорад ва инро ҳақиқати шарифи ранҷ (truth of suffering) меномад. «Ҳақиқати шарифи ранҷ чист? Зодан ранҷ кашидан аст. Пир шудан ранҷ кашидан аст. Андӯҳ ва сӯгворӣ. Дурду ғаму ноумедӣ, ранҷ кашидан аст» [2, 94].

Аз дидгоҳ Буддо зиндагии ҳар инсоне дар куллияти худ ҳамроҳи ранҷ аст, чӣ вақте ки ба дунё меоем, чӣ вақте ки бемор ё пир мешавем ва ё азизеро аз даст медиҳем. Ҳамаи таҷрибаҳои зиндагии мо ҳатто таҷрибаи шодӣ бо дарду андуҳ омехта ҳастанд. Ин дидгоҳ дар миёни касоне, ки пеш аз Буддо ё дар замони ӯ зиндагӣ мекарданд, низ вуҷуд дошт. Аммо он чӣ ба Буддо ихтисос дорад он аст, ки ба

[1] **Адрес для корреспонденции:** Сайид Абдулхамид Зияи – соискатель Института философии, политологии и права им. А. Богоуддинова АН Республики Таджикистан. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки-33.тел: 2213223.

эътиқоди ӯ ҳамаи ҷанбаҳои таҷриба дар дарун ва беруни инсон ранҷ ҳастанд. Дар ин ҷо ранҷ ба унвони чизе дар назар оварда мешавад, ки бо нозукии тамом дар байни вуҷуд ва таҷрибаҳои одамӣ қарор гирфтааст. Дар ин ҷо таҷрибаҳои инсон бар асоси кӯчактарин миқёси замон, яъне сония ба сония дар зери микроскоп қарор мегирад ва бо чашмҳои кунҷкови як кашфкунандаи даруннигар баррасӣ мешавад. Дар ин баррасӣ лафзи ранҷ ба даруни ҳалқаи дигари аз маъниҳо мисли нақз ё камолнаёфтагӣ, нопойдорӣ ва беохирӣ роҳ меёбад. Бухронҳои бузург, ки бо бонгу фарёд ҳамроҳ аст ва гирфторҳои кӯчак, ки ба шиква табдил мешаванд, ҳамагӣ мисолҳои ошкоре аз ҳамон нақзи омехта бо нопойдорӣ ва ранҷ ҳастанд, ки дар зоти таҷрибаҳои одамӣ вуҷуд дорад. Худи таҷриба низ чун дигаргуншаванда ва беназорат аст, дар поён боиси хушнудии одамӣ намешавад ва чизе ҷуз ранҷ нест [2,96-97].

Дуввумин ҳақиқат, ҳақиқати шарфи бурузи ранҷ (noble truth of arising of suffering), ки шарҳи иллатҳои ранҷ ва маншаи онро дар бар дорад. «Эй роҳибон, ин ҳақиқати бурузи ранҷ аст. Танҳо ташнагӣ ё таманно аст, ки боиси зиндангии дубора мешавад ва бо иштиҳои барангехта гиреҳ хӯрда ва дар ҳама ҷо дар ҷустуҷӯи лаззати тоза аст. Оре, ташнагӣ, яъне ташнагии лаззати шаҳват, ташнагии будан, ташнагии набудан» [2,105].

Манзур аз ташнагӣ таманнои сернопазирии инсон дар ҷустуҷӯи лаззати тоза аст. Он ҳам на танҳо дар ин зиндагӣ, балки дар зинадгии баъдӣ низ ҳамин тавр аст, ба ҳамин далел ба эътиқоди Буддо ташнагӣ боиси ҳастии такроршаванада ва ранҷ аст.

Бинбар ин мо бо интихобҳои баъд ва бо ҳирсу тамаъ ва нафратҳоямон худро ба ранҷе дучор мекунем, ки дар ҳар зиндагӣ пас аз зиндагии дигар бо он рӯбарӯ ҳастем. Зиён ва осебе, ки ба худ ва дигарон мерасонем, ҳар ду як чизанд ва аз як сарчашма ба вуҷуд меоянд.

Севвумин ҳақиқати шариф ин аст, ки барои ранҷ воқеан дармоне аст ва он ҳақиқати инғитои ранҷ (the truth of the session of suffering) аст. Ин ҳақиқат таъйидкунандаи ин воқеият аст, ки бемории ранҷ воқеан илоҷпазир аст. Ба назари Буддо одамӣ воқеан метавонад ба раҳоӣ даст пайдо кунад. Ин эътиқоди Буддо дар баробари рӯзгори худ қарор дошт мегуфт, ки зоиши дубора ба таври худкор анҷом мешавад ва ҳар мавҷуде дар хар вазъияти мумкине бояд дубора зода шавад. Бидуни таваҷҷуҳ ба ин ки чӣ корҳое анҷом медиҳад ва ҳар мавҷуде дар охир наҷот меёбад. Пас ҳар талоше дар ин хусус беҳуда аст. Аммо будд муътақид буд, ки агар чӣ истеъдодҳо ва зарфиятҳои одамӣ тавассути шароит зиндагиҳои гузашта шакл мегирад, аммо инсон боз ҳам метавонад дар ҳамин зиндагӣ рафтори худро ба таври ихтиёрӣ тағйир диҳад. Одамӣ метавонад бо мушоҳидаи ҷаҳон ҳамон тавр ки ҳаст ва бар асоси чаҳор ҳақиқати шариф, нодониро аз худ дур кунад ва ба кӯмаки назм ва диққати роҳибон нерӯи ташнагиро дар худ аз байн бубарад.

Чаҳорумин ҳақиқати шариф ҳақиқат илоҷи ранҷ (the truth of the path leading to the session of suffering) аст, яъне тариқате, ки ба инғитои ранҷ меанҷомад. Ин ҳақиқат дар бардорандаи нусха ва дору аст ва онро ба маънии тариқати 8 хон матраҳ мекунанд. Яъне роҳҳои 8 гона (the noble eight fold truth), ки шомили фаҳми дуруст, фикри дуруст, сухани дуруст, амали дуруст, маоши дуруст, талоши дуруст, таваҷҷуҳи дуруст ва тамаркузи дуруст аст [3, 108]. Қонуни дигаре бо номи қонуни Карма (Karma), ки бар асоси он на дар осмону на дар дарё ва на агар дар шикофи кӯҳҳо пинҳон шавем, ҷое пайдо намешавад, ки инсон битавонад аз мукофоти аъмоли худ ба он ҷо паноҳ барад. Ба эътиқоди Буддо қонуни Карма ҷаҳоншумул аст ва хисороти оқибати корҳои ҳар касе фақат ба ӯ мерасад ва ба вазъи табақа, иҷтимоъ ва сарнавишт, Худо ё шайтон марбут нест. Ин қонуни Карма ба дасти ҳеҷ худое иҷро намешавад ва ҷаҳоншумул аст, яъне шомили ҳамаи мавҷудоти зинда, ҳайвонот, инсонҳо ва мавҷудоти берун аз табиат, ки бар асоси амалҳояшон дубора таваллуд меёбанд, мешавад. Ҳар касе чӣ браҳман бошад ва чӣ хидматгор бояд натиҷаи амалҳои худашро дар зиндагии дигар таҷриба кунад, вале ҳар касе метавонад, тарки дунё, хостан ва орзу кунад, то аз таваллуди дубора раҳо гардад. Бар асоси қонуни

таносух (reincarnation) ё асли самсара (samsara) инсонҳо бар асари корҳо бади худ борҳо дар баданҳо гуногун ва ба шаклҳои мухталиф дар ҳаминҷаҳон зода мешаванд. Чигунагии зиндагиҳои минбаждаи инсон вобастагӣ ба аъмоле дорад, ки дар зиндагии кунунӣ анҷом медиҳад.

Нуктаи муҳим дар тарбияи ахлоқӣ ва сайру сулуки маънавӣ ин аст, ки барои расидан ба камоли инсонӣ бояд ба асли тадриҷӣ будани тарбият таваҷҷуҳ шавад. Шогирди Буддо барои расидан ба ҳадаф бояд ба таври муназзам ва тардирҷӣ корҳоро анҷом диҳад, то ба озодӣ ва раҳоӣ бирасад. Бинобар ин яке аз муҳимтарин вижагирҳои назарияи роҳи камоли оини Буддо рӯйкарди тадриҷӣ ва қадам ба қадам аст. Инсонҳо дар мароҳили гуногуни рушди ахлоқӣ ва маънавӣ мисли гули нилуфаре ҳастанд, ки дар мурдоб ва оби гилолуд рӯидаанд, аммо олуда нашудаанд [6, 57].

Дар ашъори Ҷалолуддини Балхӣ низ мафҳуми ранҷ борҳо мавриди ишора қарор гирифт. Дар тафаккури вай шодӣ ҷойгузини ранҷи инсонӣ шудааст. Ин шодӣ фақат дар ҳолатҳои Мавоно нест, балки дар шакли зоҳирии калом ва шеърҳои ӯ низ мушаххас ва ҷорӣ аст. Ба қавли доктор Шафеъии Катканӣ аз давраи мусиқидонони бостонии Ирон то имрӯз осори бозмондаи ҳеҷ шоире ба андозаи Мавлавӣ бо назми мусиқии ҳастӣ ва зиндагии инсонӣ ҳамоҳангӣ ва иртибот надоштааст. Навъҳои вазнҳо дар ғазалҳои Мавлавӣ дархури андешидан аст. Дар як сад ғазали Ҳофиз 12 вазн ба кор рафта, Саъдӣ 18 вазн ва Мавлавӣ 22 вазн. Ин гуногунии вазнҳои арӯзӣ дар девони Шамс ба андозаест, ки камтар вазн аз вазнҳои шафоф ва шоди арӯзи форсиро метавон ёфт, ки дар девони Шамс истифода нагашта бошад. Бинобар ин девони Шамс комилтарин санади вазнҳои шеъри форсӣ, бахусус вазнҳои шод аст. Чун хостгоҳи табии вазн дар девони Шамс ҳаракати самоъ (sufy dance) ва тапиши қалб аст ва чангу чағонаи Мавлавӣ бо ҳаракатҳои табиии зиндагӣ ва қалби инсон ҳамнавохт шудааст. Дар девони Шамс бо ин ҳама гуногунии вазнҳо ҷойе барои вазнҳои ғамгин вуҷуд надорад [5, 312].

Он чӣ ки дар оини Буддо ба номи нирвана шинохта шудааст, дар шеъри Мавлавӣ бо номи «хомӯшӣ ва сукут» ёд шуда ва ҳатто Мавлоно тахаллуси худро Хамӯш интихоб кардааст. Дар оини Буддо аз нирвана ба шуълаи шамъ пас аз хомӯшӣ таъбир шудааст. Мавлавӣ дар байте мегӯяд:

Гуфт, ки ту шамъ шудӣ, қиблаи ҳар ҷамъ шудӣ,
Шамъ ниям, ҷамъ ниям, дуди пароканда шудам.

Доктор Абдулкарими Суруш дар китоби «Қиссаи арбоби маърифат» дар ин бора мегӯяд: «Ҳофиз дар банди замон буд ва Мавлавӣ аз банди замон раҳо шуда буд. Мавлавӣ фараҳ ибни фараҳ (яъне шодӣ писари шодмонӣ) аст, аммо Ҳофиз лолаест, ки ҳамтаваллуди дарду доғ аст. Ҳофиз ғамгин ва талабгори шароб аст, аммо Мавлавӣ бе ғам ва бидуни шароб маст аст» [4, 256].

Мурда будам, зинда шудам, гиря будам, ханда шудам,
Давлати ишқ омаду ман, давлати поянда шудам.
Гуфт, ки сармаст наӣ, рав, ки аз ин даст наӣ,
Рафтаму сармаст шудам, аз тараб оканда шудам.

Хулоса, аз муқоисаи ақидаҳои Буддо ва ашъори Мавлоно метавон ба чунин натиҷа расид, ки бидуни таъйди аҳли тасаввуф, аз ҷумла Мавлоно, дар баъзе мавридва масоили тасаввуф аз оини Буддо таъсирпазир будааст. Далели дигар ин аст, ки оини Буддо барои сарзамини ниёгони мо бегона набуда, дар Хуросон ва Мовароуннаҳр интишор доштааст ва ёдгориҳои таърихӣ (Бомиёни Афғонистон, Аҷинатеппаи Тоҷикистон) шоҳиди ин гуфтаҳост.

**Адабиёт**

1. Муҳаммадмансури Ҳоишмӣ. Омезиши уфукҳо, мунтахаботи осори Дориюши Шойгон. Теҳрон «Фарзони рӯз», 1389, С.333 – 349 ва низ ниг.: Дориюши Шойгон, Афсунзаагии ҷадид, ҳуввияти чиҳилтика ва тафаккури саёр. Тарҷумаи Фотимаи Валиёнӣ, Теҳрон, «Фарзони рӯз», 1381, фасли 7.

2. Майкл Куридорз. Буддо. Тарҷумаи Алимуҳаммади Ҳақшинос, «Тарҳи нав». Нашри 4, 1386, С. 93.
3. Роберт А. Ҳюм. Динҳои зиндаи ҷаҳон. Тарҷумаи Абдураҳими Гувоҳӣ, дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1380, С. 108.
4. Суруш Абдулкарим. Қиссаи арбоби маърифат, нашри аввал, Теҳрон, «Сирот», 1380, С. 256.
5. Шафии Кадканӣ, Муаммадризо. Мусиқии шеър, нашри 6. Теҳрон, «Огоҳ», 1379, С.312.
6. David J. Kalupahana, Buddhist Philosophy, An East- West Book JCZ The University Press of Hawaii Honolulu, 1976, P. 57

**САЙИД АБДУЛХАМИД ЗИЁИ**

## ТИПОЛОГИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПОНЯТИИ «СТРАДАНИЕ» И «ИЗБАВЛЕНИЕ СТРАДАНИЙ» В БУДДИЙСКОМ ВЕРОВАНИИ И В СТИХОТВОРЕНИЯХ ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ

В данной статье, прежде всего, рассматривается теоретическое и практическое значение типологического изучения мистицизма в истории, затем подвергается анализу понятие страдания, как одной из важнейших основ Буддизма. При этом автором подчеркивается о существовании в Буддийском верований 4 основных истин о страдании, путей избавления человека от него и погружению в нирвану. Также рассматривается воззрения Джалолуддина Балхӣ о страдании и способах избавления страданий и достижения радости жизни в произведениях поэта. В статье также рассматривается на общность и различий воззрения Руми и теории Буддизма

**Ключевые слова:** Страдание, радость, Мавлави, избавление, нирвана, газел.

**SYED ABDULHAMID ZIEI**

## TYPOLOGICAL STUDIES OF THE CONCEPT OF " SUFFERING" AND "DELIVERANCE SUFFERING" IN BUDDHIST BELIEFS IN JALOLUDDIN RUMI'S POEMS

This article primarily discusses the theoretical and practical significance of the typological study of mysticism in the history , then subjected to analysis of the concept of suffering as one of the essential foundations of Buddhism. In this case the author highlights the existence in Buddhist beliefs four basic truths of suffering, ways to deliver man from it and dive into nirvana. Also considered views Jaloluddin Balhi about suffering and how to get rid suffering and achieving the joy of life in the works of the poet. The article also points out similarities and differences Rumi views and theories of Buddhism

**Keywords:** Suffering, joy, Mawlawi, deliverance, nirvana, gazelles.